# ТАҚРИЗ

**ба автореферати Забирова Мехринисо Элбеговна дар мавзуи «Тасвири «боди сабо» дар ғазали асри XIV», барои дарёфти дарачаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.04.- Таърихи адабиёт, равобити адабӣ**

Дар адабиёти классикии форсу точик асри XIV даврони равнақи ғазалсароӣ ба хисоб рафта, дар ҳамин давра бузургтарин шоирони ғазалсаро зиндагию эҷод кардаанд, ки тасвирҳои шоирона дар ҳадди камоли худ расидааст. Дар рисолаи муҳаққиқ Забирова М.Э. тасвири «боди сабо», ки бо номҳои бод, насим, насими саҳар, насими бомдод ва ғайра ёд мешавад, яке аз тасвирҳои хеле маъмул дар адабиёти тоҷик ба ҳисоб рафта, дар ғазали шоирони асри XIV нақши бузург дорад.

Навгониҳои таҳқиқот аз он иборат аст, ки бори аввал дар адабиёт-шиносии тоҷик бо истифода аз луғату фарҳангҳо ва шарҳҳову рисолаҳои тадкиқотии гузаштаву муосир мафҳуми «боди сабо» равшан гардида, сайри таърихии тасвири он аз ибтидои адабиёти форсӣ-тоҷикӣ то асри XIV мушаххас шуда, тасвири «боди сабо» дар ғазалиёти шоирони асри XIV мавриди таҳқиқи густурдаи монографӣ қарор дода шудааст.

Аҳамияти назариявии диссертатсияи Забирова М.Э. дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои бадастомада метавонад дар навиштани таърихи адабиёт, алалхусус адабиёти асри XIV, китобҳои дарсӣ, курсу семинарҳои ихтисос доир ба ташаккулу таҳаввули ғазал, тасвирҳои шоиронаву образҳои шеърӣ дар адабиёти форсӣ – тоҷикӣ барои донишҷӯён ва доираи васеи хонандагон истифода шавад.

Аз автореферати диссертатсия дида мешавад, ки рисола аз се боб, ҳар боб иборат аз фаслҳо ва хулосаву феҳристи адабиёт иборат мебошад. Дар муқаддима муҳаққиқ оид ба мубрамияти мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, объект, асосҳои назариявию методологӣ, сарчашмаҳои илмӣ, навгонӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявию амалии таҳқиқот, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот ва дигар нуктаҳои мансуб ба муқаддимаи автореферати рисолаи диссертатсионӣ маълумоти дақиқ оварда шудааст. Дар қисмати асосии таҳқиқ муҳаққиқ оид ба ҳар як боби диссертатсия, маълумоти мухтасар додааст.

Боби якуми диссертатсия «Сайри таърихии тасвири «боди сабо» унвон дошта, дар он муҳаққиқ баъд аз таъйини нақши тасвир дар шеър ва равшан кардани маънои луғавию рамзии «боди сабо» сайри таърихии пайдоиш ва такомули тасвири «боди сабо» то асри XIV баррасӣ шуда, вазифа ва нақши он мушаххас гардидааст. Ҳамчунин дар фасли аввали боби якум муҳаққиқ шарҳу тавзеҳ ва таърифи «боди сабо»-ро дар фарҳангу луғатҳо ва асарҳои таҳқиқотӣ ҷамъбаст намуда, хулосаҳои худро дар 4 банд маънидод намудааст.

Фасли дуюми боби якум, ки «Боди сабо-воситаи маърифат ва тасвири бадеӣ» унвон гирифта, сабаҳои пайдоиш ва такомули тасвири

«боди сабо» дар адабиёти асрҳои X-XIV баррасӣ шуда, нақш ва вазифаҳои он дар шеъри ин давра, аз ҷумла устод Рӯдакӣ, Робеаи Балхӣ, Шаҳиди Балхӣ, Дақиқӣ, Хусравии Сарахсӣ, Мунҷики Тирмизӣ, Носири Хусрав, Анварии Абевардӣ, Низомии Ганҷавӣ, Хоқонии Шервонӣ, Ҳаким Саноии Ғазнавӣ, Шайх Аттор, Саъдии Шерозӣ, Амир Хусрав мушаххас гардидааст. Муҳаққиқ дар ҷамъбасти ин фасл ба хулосае меояд, ки «боди сабо» дар тасвири шоирони асрҳои X-XIII ҳам ба маънии луғавӣ ва ҳам ба маънии рамзии ирфонӣ ба кор рафтааст. Байни маънии луғавӣ ва рамзии ирфонии боди сабо он қадар фарқи куллӣ нест, зеро маънии рамзии ирфонии боди сабо аз маънии луғавии он бархостааст.

Боби дуюми рисола «Тасвири «боди сабо» дар ғазали асри XIV» унвон дошта, аз ду фасл иборат мебошад, ки ҳар як боз аз зерфасл иборат аст. Муҳаққиқ дар ин фасл тасвири «боди сабо»-ро дар ғазали шоирони асри XIV мавриди таҳқиқ қарор дода, таъкид мекунад, ки дар қисмати аввал сабо ба сифати мабдаи тасвир ва дар қисмати дувум сабо ба ҳайси воситаи тасвир ба кор рафтааст. Яке аз зерфаслҳои фасли дуюми боби дуюми рисола аз тарафи муҳаққиқ «Нақш ва вазифаҳои сабои орифон» унвон гирифта, дар он мақоми боди сабо ва вазифаҳои он дар ғазалҳои ирфонии шоирони асри XIV мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Боби сеюми рисола «Хусусиятҳои бадеии «боди сабо» дар тасвирҳои шоирони ғазали асри XIV» унвон дошта, аз ду фасл иборат буда, дар он тасвирҳои шоирона, ки суханварони ин аҳд ба воситаи мафҳуми сабо офаридаанд, мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Дар фасли аввали ин боб муҳаққиқ дар бораи истифодаи санъатҳои лафзӣ ҳангоми тасвири сабо дар ғазали ин аср таҳқиқ карда, таъкид мекунад, ки табиат беҳтарин ва ғанитарин маводро барои тасвирсозӣ дар ихтиёри шоирон қарор медиҳад.

Фасли дуюми боби сеюм «Корбурди санъатҳои маънавӣ дар тасвирҳои шоирон» ном дошта, тарз ва шеваи истифодаи санъатҳои маънавӣ ҳангоми тасвири боди сабо таҳқиқ шуда, муҳаққиқ зикр мекунад, ки талмеҳ аз устураи пайғамбарон бо корбурди боди сабо аз мушаххасоти ғазали ин аҳд буда, дар ашъори шоирони ин давр бештар барои баёни андешаҳои ирфонӣ истифода шудааст, аммо аз он ҷо, ки аксари суханварони ин давра шоири ориф буданд,тасвирорӣ ва ҳунари шоириро дар мадди аввал гузоштаанд.

Муҳаққиқ натиҷаи таҳқиқоти худро дар ҳаждаҳ банд қайд карда, дар ҳар як банд андешаҳои шахсии худро баён намуда, дар ҳафт банд тавсияҳо пешниҳод кардааст, ки дар оянда маводҳои диссертатсия метавонад дар навиштани китобҳои илмӣ ва дарсии таърихи адабиёти форс-тоҷик, таҳияи дастурҳои методӣ ва роҳнамоҳои таълимӣ барои донишҷӯён ва мутахассисони соҳа мусоидат намояд.

Мақолаҳои илмии унвонҷӯ пурра мухтавои рисолаи диссертатсионӣ ва автореферати он буда, дар маҷаллаҳои пазируфташуда ва

тавсиякардаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд.

Новобаста ба ин, дар диссертатсия баъзе камбудиҳо дида мешаванд, ки онҳоро ба шакли фишурда зикр менамоем:

1.Дар автореферат гарчанде ки санъатҳои бадеии зиёд таъин шудаанд, аммо санъати иҳом аз назари муаллиф дур мондааст.

2.Дар фишурдаи диссертатсия ғалатҳои имлоиву техникӣ роҳ ёфтаанд.

Ҳамин тавр, ба назари мо ин гуна ғалатҳои техникиву имлоӣ ислоҳшаванда буда, ҳусни илмии корро кам намекунанд. Диссертант аз уҳдаи иҷрои вазифаҳои дар пеш гузоштащуда баромадааст.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Забирова Меҳринисо Элбеговнаро дар мавзуи «Тасвири «боди сабо» дар ғазали асри XIV» таҳқиқоти анҷомёфта ҳисобида, ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ сазовор мебошад.

**Номзади илми филология,муаллими**
**калони кафедраи “Лингвистика”-и**
**Филиали ДДМ ба номи М.В. Ломоносов**
**дар шаҳри Душанбе** **Музаффарова Ш. М.**
**Shaklo.muzaffarova@mail.ru**

**Имзои Музаффарова Ш.М. -ро тасдиқ мекунам:**
**Сардори шуъбаи**
**сиёсати кадрӣ ва корҳои махсус** **Пирназаров С.М.**

**Нишонӣ:**
**734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе,**
**кӯчаи Бохтар, 35/1**
**Тел: 2 27 11 04**

8 апреля 2023